*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 107 (4690) | ПАНҶШАНБЕ, 31 АВГУСТИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Сиюми августи соли 2023 дар бинои Ҳукумати мамлакат таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд.**

Дар кори маҷлис нахуст «Дар бораи амалигардонии қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» ҳисоботи раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист Баҳодур Шерализода шунида шуд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор кард, ки Кумитаи тадорукот оид ба амалигардонии қатъномаи Маҷмаи умумии Созмони Милали Муттаҳид оид ба «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» барои амалисозии «Нақшаи чорабиниҳо оид ба амалисозии ибтикороти панҷуми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон шудани соли 2025 – «Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» дар муҳлати муқарраргардида тадбирҳои амалӣ андешад.

Сипас, лоиҳаҳои як қатор қонунҳо, аз ҷумла «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи парки технологӣ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ихтироъ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳаракат дар роҳ», «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор» ва «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», баррасӣ гардида, барои муҳокима ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол карда шуданд.

Дар маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор масъалаҳои дигар, аз қабили «Дар бораи «Барномаи давлатии рушди илмию инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи «Барномаи давлатии солимии репродуктивӣ барои солҳои 2023-2027», «Дар бораи «Барномаи миёнамуҳлати рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» ва «Дар бораи «Барномаи миёнамуҳлати тайёр кардани кадрҳои касбии таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ барои солҳои 2023-2027», баррасӣ гардиданд.

Баъди баррасии масъалаҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои иҷрои саривақтию босифати масъалаҳои маҷлиси навбатӣ ва супоришҳои қаблии Ҳукумати кишвар дастурҳо доданд.

Супоришҳои дигар ба Ҳукумати кишвар ва сохторҳои давлатӣ оид ба омодагӣ ба давраи тирамоҳу зимистони солҳои 2023-2024, захираи маводи сӯзишворӣ, кабудизоркунӣ, беҳдошти муҳити зист, истифодаи самараноки заминҳои кишт, захираи кофии маҳсулоти кишоварзӣ, сазовор ҷашн гирифтани 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари кишвар, вусъати корҳои ободонию созандагӣ ба ифтихори Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва дигар тадбирҳои бунёдкорӣ дода шуд.

## ИФТИТОҲИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ, ГУЗОШТАНИ САНГИ АСОСИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ШИНОСОӢ БО ЛОИҲАҲО АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



**31 – уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 40-и ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахтро ифтитоҳ намуданд.**

Ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар бинои Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 40 шароиту имконияти муосири ба таълиму тарбия фаро гирифтани 250 кӯдак мавҷуд буда, дар он таълим дар 11 гурӯҳ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Иншоот аз таҳхона ва 4 ошёна иборат буда, дар он 23 нафар бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд. Ба ғайр аз синфхонаҳои тарбиявӣ дар муассиса ошхона, толорҳои варзишию мусиқӣ, толор барои маҳфили кӯдакон, ҳуҷраи тиббӣ, анбор барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрока ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон низ мавҷуд мебошанд.

Ҳуҷраҳои алоҳидаи хобу истироҳати кӯдакон бо таҷҳизоти муосир, аз қабили рахти хоб ва дигар ашёи фароғатӣ, таъмин аст.

Бинои мазкур дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси дастгириҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат аз ҷониби фармоишгар ва пудратчии лоиҳа - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «АБР-текстил» бо тарҳи муосир ва сифати баланд сохта шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**



## МУЛОҚОТИ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БО СОҲИР ШАМШОД

**Бисту ҳаштуми августи соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон раиси Кумитаи муштараки сардорони ситодҳои Артиши Ҷумҳурии Исломии Покистон генерал Соҳир Шамшодро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои муносибатҳои дӯстона ва ҳамкориҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Покистон, аз ҷумла дар самти амният ва мудофиа, мавриди баррасӣ қарор дода шуда, таъкид гардид, ки Тоҷикистон ва Покистон дар арсаи сиёсӣ ва соҳаҳои иқтисодию тиҷоратӣ, аз ҷумла энергетика, нақлиёту коммуникатсия, ҳамчунин фарҳангию гуманитарӣ ва амниятӣ, ҳамкориҳои қобили таваҷҷуҳро ба роҳ мондаанд.

Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни изҳори қаноатмандӣ аз раванди босамари имрӯзаи робитаҳои сиёсии тарафҳо сатҳи боварию эътимодро миёни ҳар ду давлат дар сатҳи олӣ, баланд арзёбӣ намуда, дар баробари таъкиди ҳамёрии ҳар ду кишвар дар самтҳои амният ва мудофиа тамосҳои доимии намояндагони сохторҳои соҳавии ҷонибҳоро дар ин раванд ба манфиати ҳар ду кишвар маънидод карданд.

Ҷонибҳо аз равандҳои ташвишовари замони муосир ёдовар шуда, зарурати тақвияти минбаъдаи ҳамкориҳоро дар соҳаҳои мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, истеҳсол ва гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷинояткории фаромиллӣ ва дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳи тарафайн таъкид намуданд.

Зимни мулоқот, ҳамзамон, дар робита ба масъалаҳои мубрами байналмилалӣ ва минтақавӣ, аз ҷумла вазъ дар Афғонистон, табодули назар анҷом гирифт.

## СУҲБАТИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БО ВАЗИРИ КОРҲОИ ХОРИҶИИ ДАВЛАТИ ФАЛАСТИН

**Бисту нуҳуми августи соли 2023 дар бинои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Давлати Фаластин Риёз Ал-Моликиро ба ҳузур пазируфтанд.**

Зимни суҳбат Пешвои миллат ташрифи Риёз Ал-Моликиро ба Тоҷикистон хайра мақдам гуфта, дар робита ба ифтитоҳи расмии Сафорати Давлати Фаластин дар Душанбе табрик намуданд. Зимнан, таъкид гардид, ки ин иқдом ба рушду тавсеаи муносиботи ҳасанаи ҷонибҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидати муассир хоҳад кард.

Дар ҷараёни суҳбат маҷмӯи масъалаҳои ҳамкории Тоҷикистону Фаластин баррасӣ гардиданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ҷонибдорӣ аз густариши минбаъдаи робитаҳои дуҷониба аҳамияти таҳкиму такмили заминаи қарордодию ҳуқуқии муносибатҳои ҳамкории ҳар ду кишварро дар арсаҳои мавриди таваҷҷуҳи ҷонибҳо таъкид карданд. Ҳамзамон бо ин, тавсеаи тамосҳои корӣ байни вазорату ниҳодҳои марбутаи ҳар ду кишвар ба манфиати кор дониста шуд. Самтҳои гуногуни иқтисодию тиҷоратӣ, ҳамчунин соҳаҳои фарҳанг, илму техника, маориф ва тиб аз ҷумлаи самтҳои ояндадори ҳамкорӣ арзёбӣ гардиданд.

Ҷонибҳо, ҳамчунин, атрофи масъалаҳои мубрами рӯзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ мубодилаи афкор анҷом доданд.



Дар фарҷом Сарвари давлати Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибрози қаноатмандӣ аз суҳбат ба мардуми бародари Фаластин сулҳу субот ва пешрафту шукуфоӣ орзу намуданд.

**www.prezident.tj**

## МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ

**Сиюми августи соли 2023 дар Маҷмааи давлатии «Қасри миллат» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ифтихори Ҷашни 32-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кормандони касбу кори гуногун, ки дар фаъолияти корӣ натиҷаҳои назаррас доранд, мукофот ва унвону ҷоизаҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро супориданд.**

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳозиринро ба муносибати ҷашни муқаддаси миллӣ – 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрик намуда, иброз доштанд, ки дар арафаи ин ҷашни пуршукӯҳ бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонидани намояндагони касбу кори гуногун, аз ҷумла аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ ва кормандони дигар соҳаҳо, нишонаи қадршиносии Ҳукумат дар бунёд ва эъмори давлатдории миллии тоҷикон мебошад.

Таъкид гардид, ки соҳибистиқлолию соҳибдавлатӣ ба мо имкон фароҳам овард, ки тайи зиёда аз се даҳсола барои таъмин намудани пешрафту ободӣ ва боз ҳам инкишофу тараққиёти кишвари маҳбубамон корҳои хеле назаррасро ба анҷом расонем.

Зимни суханронӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз хизмати содиқонаи фарзандони далеру шуҷоъ - хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ёдовар шуда, изҳор доштанд, ки онҳо дар давраҳои бисёр ҳассоси таърихи давлат ва халқи тоҷик аз уҳдаи иҷрои рисолати касбиашон ҷавонмардонаю сарбаландона баромада, ба эътимоду эҳтироми мардуми Тоҷикистон сазовор гардиданд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид доштанд, ки хизмати содиқонаи хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи мамлакат ба давлат ва халқи Тоҷикистон дар тӯли даҳсолаҳои гузашта аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ба таври сазовор қадрдонӣ шудааст ва имрӯз низ даҳҳо нафар фарзандони содиқи Ватан бо мукофотҳои олии давлатӣ сарфароз гардонида мешаванд.

«Ман ба эҳсоси баланди ватандӯстии ҳар ҷавони мамлакат бовар дорам ва аз он ифтихор мекунам, зеро онҳо ояндаи Ватан ва идомадиҳандаи кору фаъолияти насли калонсол мебошанд», - таъкид доштанд Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

**(Давомаш дар саҳ. 3)**

(Идома аз саҳ. 1)

Бинои навбунёд ба системаи гармидиҳӣ пайваст буда, гармии синфхонаҳо, ҳуҷраҳои корӣ ва таълимию истироҳатӣ дар фасли зимистон тавассути он таъмин карда мешаванд. Дар саҳни бино айвончаҳо барои ба истироҳату фароғат ва дигар машғулиятҳо фаро гирифтани кӯдакон, майдончаҳои бозии бо таҷҳизоти нави дилхушӣ муҷаҳҳаз ташкил карда шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ ба шароити муҳайёгардида дар бинои нав бо кормандони соҳаи маориф суҳбат карда, онҳоро барои таълиму тарбияи дурусти насли наврас, дар рӯҳияи хештаншиносӣ ба камол расонидани онҳо ва ба омӯзиши илмҳои муосир ва забонҳои хориҷӣ ҳидоят карданд.

**31 - уми августи соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт бинои хуштарҳу замонавии Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 53-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Муассисаи таълимӣ аз 5 бинои бо ҳам пайвасти 4-ошёна иборат буда, мутобиқ ба меъёрҳои сатҳи ҷаҳонӣ дар масоҳати 0,76 гектар бунёд ёфтааст ва барои 2400 нафар хонанда дар ду баст пешбинӣ гардидааст.

Мактаб аз 50 синфхонаи барҳаво, аз ҷумла, кабинетҳои фаннии химия, физика, математика, биология, география, синфхонаҳои лингафонӣ, нақшакашӣ, таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, синфхонаи компютерӣ, омодагии дифои ҳарбӣ, толори мусиқӣ ва хореографӣ, озмоишгоҳҳо, китобхона бо толори барҳавои хониш, китобхонаи электронӣ, ҳуҷраҳои корӣ барои омӯзгорону кормандони муассиса, равоншинос, нуқтаи тиббӣ ва дигар иншооти ёрирасон, иборат мебошад.

Синфхонаҳои таълимгоҳ дар доираи татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», солҳои 2020 - 2040 бо таҷҳизоти зарурӣ, аз ҷумла тахтаҳои электронӣ, проектор ва аёниятҳои замонавии хониш таъмин буда, барои хонандагон шароити хуби таҳсил фароҳам оварда шудааст. Дар синфхонаи компютерии мактаб бо мақсади омӯзиши хуби таҷҳизоти мазкур қисмҳои иловагӣ ва тахтаҳои электронӣ васлу насб гардидааст.

Китобхонаи замонавии муассисаи таълимӣ бо адабиёти дарсӣ ва бадеӣ таъмин буда, барои хонандагон, ҳамчунин, толори алоҳидаи китобхонаи электронии ба интернети баландсуръат пайваст ташкил гардидааст, ки ба ин васила, хонандагон метавонанд ба хазинаи бойи эҷодиёти шоирону нависандагони ватанию хориҷӣ дастрасӣ пайдо намоянд. Толори хониши китобхонаи мактаб дорои 160 ҷойи нишаст мебошад.

Дар синфхонаҳои таълими меҳнати духтаронаю писарона, ки бо дастгоҳу таҷҳизоти зарурӣ таъмин мебошанд, хонандагон дуредгарӣ, кандакорӣ, дӯхтани сарулибоси миллиро омӯхта, бо роҳнамоии омӯзгорон таомҳои гуногун омода мекунанд. Барои дӯстдорону алоқамандони санъати тасвирӣ синфхонаи алоҳидаи дарсӣ, ки дар он нозукиҳои рассомию мусиқӣ омӯзонида мешавад, ташкил гардидааст.

Дар назди муассисаи таълимӣ, ҳамчунин, барои омода намудани кӯдакон ба мактаб маркази инкишофи кӯдак ташкил шудааст, ки дорои аёнияти зиёд мебошад.

Ошхонаи мактаб дар асоси талаботи имрӯза бунёд ёфта, дорои 300 ҷой ва ҳуҷраи алоҳида барои омӯзгорону дигар кормандони муассиса мебошад. Маҷлисгоҳи муассиса бо риояи санъати хоси меъмории миллию муосир оро дода шуда, барои баргузории чорабиниҳои гуногун хеле мувофиқ аст. Ин толор дорои 500 ҷойи нишаст буда, бо мизу курсии босифат ва дигар таҷҳизоти замонавӣ таъмин мебошад.

Бо мақсади тарғиби тарзи ҳаёти солим ва ташвиқи намудҳои гуногуни варзиш дар миёни насли наврас дар мактаб толори бошукӯҳу барҳавои варзишӣ бо 210 ҷойи нишаст сохта шудааст. Толори варзишӣ барои бозиҳои футболи хурд, волейбол ва баскетбол пешбинӣ гардида, ҳуҷраҳои либосивазкунӣ дорои шароити замонавӣ мебошанд.

Дар мактаб 80 нафар, аз ҷумла беш аз 60 мутахассис, ба ҳайси омӯзгор бо ҷойи кор таъмин гардида, бо истифода аз имконоти мавҷуда хонандагонро дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва илмдӯстӣ тарбия менамоянд.

Даргоҳи нави маърифат дар заминаи сиёсати маорифпарваронаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар идомаи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва иқдомҳои бунёдкоронаи роҳбарияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе бо маблағгузории Ҳукумати

# ИФТИТОҲИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМӢ, ГУЗОШТАНИ САНГИ АСОСИ КОРХОНАҲОИ ИСТЕҲСОЛӢ ВА ШИНОСОӢ БО ЛОИҲАҲО АЗ ҶОНИБИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ



Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Гурӯҳи татбиқи лоиҳаи «Таҷдид ва идомаи сохтмони мактабҳои миёна» бо тарҳи муосир ва ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ бунёд гардидааст.

Муассисаи нави таълимӣ туҳфаи арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи Рӯзи дониш ва таҷлили 32-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои наврасон ба ҳисоб рафта, аз пешрафти соҳаи маориф дар пойтахт шаҳодат медиҳад.

Бунёди муассисаҳои нави таълимӣ ва биноҳои иловагӣ дар пойтахти мамлакат дар доираи дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо ибтикори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ босуръат идома дошта, ин иқдоми созанда дар самти ҳалли ботадриҷи норасоии ҷойи нишаст мусоидат мекунад.

Мавриди зикри хос аст, ки танҳо имрӯз дар пойтахти мамлакат бо иштироки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ 6 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бо 3 ҳазору 380 ҷойи нишаст ва 2 муассисаи томактабӣ барои 350 нафар мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ҳамчунин, дар шаҳри Душанбе ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёди 13 муассисаи таълимӣ барои 13 ҳазору 716 нафар хонанда дар як баст идома



дорад, ки самараи дастгирӣ ва таваҷҷуҳи доимии Ҳукумати мамлакат нисбат ба соҳаи маориф мебошад.

Корҳои сохтмонию паймонкорӣ дар мактаб бо ҷалби беш аз 160 нафар мутахассиси Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҳамсафар» аз рӯи лоиҳаи Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пажӯҳишгоҳи илмӣ ва лоиҳакашию ҷустуҷӯии САНИИОСП» дар муҳлати муайянгардида ба анҷом расонида шудааст. Дар муассиса хатти алоҳидаи барқ кашида шуда, ду трансформатор (ҳар яке бо иқтидори 250 кВт) васлу насб гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъди шиносоӣ бо имкониятҳои фароҳамгардида дар мактаби навбунёд ба сатҳу сифати корҳои сохтмонӣ баҳои баланд дода, ба мутахассисони ватанӣ барои саҳм гузоштан дар раванди тадбирҳои созандагӣ ва бунёди мактаби муосир изҳори сипос намуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон омӯзгорони Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №53 дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанберо ба ҳисси баланди масъулият, истифодаи пурсамар аз шароити мавҷуда ҷиҳати тарбияи наврасон дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ ва ифтихори миллӣ ҳидоят намуданд.

**31 - уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ барои оғози бунёди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти гилию сафолӣ, хишти сабук ва оҳак асос гузоштанд.**

Корхонаҳои мазкур дар хиёбони Рӯдакӣ бунёд ёфта, дар он истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла навъҳои гуногуну хуштарҳи сафолак, серанит барои оро додани қисматҳои гуногуни иншоот ва хишти сабук (газоблок), роҳандозӣ мегардад.

Тибқи лоиҳа, иншооти мазкур дар масоҳати 10 гектар бунёд гардида, 8 гектари он барои сохтмони худи коргоҳ ва 2 гектари дигар барои анбори нигоҳдории ашёи хом пешбинӣ гардидааст.

Корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти гилию сафолӣ, хишти сабук ва оҳак дар шаҳри Душанбе дар асоси технологияи пешқадами ҷаҳонӣ бунёд ёфта, ба хотири ҳифзи табиат ва камтаъсир будан ба муҳити зист тамоми меъёрҳои экологӣ ба инобат гирифта шудааст.

Пас аз бунёд гардидани корхонаҳо онҳо иқтидор доранд, ки дар як сол 3 миллион метри мураббаъ маснуоти гилӣ, яъне сафолак, 3 миллиону 500 ҳазор метри мукааб маснуоти сафолӣ (серанит), 200 ҳазор метри мукааб хишти сабук (газоблок) ва 250 ҳазор тонна оҳак истеҳсол намоянд.

Истихроҷу коркарди оҳаксанг дар корхонаи алоҳида, ки дар доираи ҳамин лоиҳа дар деҳаи Харангон бунёд мегардад, роҳандозӣ мешавад. Коргоҳи истеҳсоли оҳаксанг дар масоҳати 4 гектар замин дар назди кони оҳаксанг бунёд ёфта, барои роҳандозии сикли пурраи истеҳсолот ва истифодаи самараноки ашёи хоми маҳаллӣ мусоидат хоҳад кард.

Иншооти мазкур аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Сантайлс» бунёд мегардад. Пас аз сохта ба истифода додани корхонаҳои мазкур дар маҷмӯъ дар 2 баст зиёда аз 520 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб хоҳанд гашт. Ҳамчунин, бо бунёди корхонаҳо дар мамлакат истеҳсоли маснуоти гилию сафолӣ ва хишти сабук роҳандозӣ гардида, ҳаҷми истеҳсоли оҳак дар кишвар ба таври назаррас бештар хоҳад шуд.

Маҳсулоте, ки дар оянда дар ин корхонаҳо истеҳсол мегардад, ивазкунандаи воридот мебошад. Дар ҳоле ки дар мамлакат корҳои сохтмонӣ дар авҷ аст, талабот ба чунин маҳсулот дар дохил хеле зиёд мегардад.

Тибқи лоиҳа, содироти тамоми номгӯи маҳсулоти корхона дар оянда дар назар дошта шудааст.

Бояд қайд кард, ки корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти гилию сафолӣ, хишти сабук ва истеҳсоли оҳак, асосан дар асоси ашёи хоми ватанӣ, ки аз конҳои фоиданоки кишвар истихроҷу дастрас карда мешавад, фаъолият менамояд.

Корхонаҳо ба хотири татбиқи нақшаҳои панҷсолаи рушди саноат бунёд гардида, сохта ба истифода додани он ба ворид гардидани техникаю технологияи муосир ба кишвар, бунёди инфрасохтори замонавӣ, ғанӣ гардидани бозори дохилӣ бо маҳсулоти ватанӣ, афзун шудани иқтидори содиротии мамлакат ва таъсиси ҷойҳои нави кории доимӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамчунин, ин иқдом ба коркарди пурраи ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ бо истифода аз канданиҳои фоиданоки табиии кишвар замина мегузорад.

Зимни муаррифӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои сари вақт бунёд намудани корхонаҳои мазкур ва роҳандозии фаъолияти он дар асоси муосиртарин технологияи пешқадами ҷаҳонӣ ба масъулин дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

**31 - уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт Гимназияи хусусии «Қалам»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти мазкур 4-ошёна буда, аз тарафи мутахассисони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Декор инвест» ҷавобгӯ ба меъёрҳои меъморӣ бунёд карда шуд.

Гимназия барои 650 хонанда пешбинӣ гардида, дар он мутобиқ ба меъёрҳои байналмилалӣ шароити таълим фароҳам оварда шудааст. Иншоот дорои 27 синфхонаи барҳавою зебо буда, барои гузаронидани дарсҳо дар синфхонаҳои он тахтаҳои электронӣ насб шудааст.

Боргоҳи илму маърифат аз 6 синфхонаи муҷаҳҳази фаннӣ, аз ҷумла химия, физика, 2 синфхонаи компютерӣ ва синфхонаҳои алоҳидаи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, иборат мебошад.

Китобхонаи гимназия дорои 20 ҷойи нишаст, 2 ҳазор нусха китоби бадеӣ ва 1 ҳазору 500 нусха китоби фаннӣ аст, ки хонандагон дар вақти муайян аз он самаранок истифода менамоянд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки дар Гимназияи хусусии «Қалам», ҳамзамон, бо мақсади татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (солҳои 2020 – 2040) имконияти васеъ муҳайё мебошад.

Бо ин мақсад 2 озмоишгоҳи алоҳида барои гузаронидани дарсҳои назариявии химия ва физика бо тамоми дастгоҳҳои зарурию аёнияти хониш бунёд ёфта, бо истифода аз чунин имконот хонандагон таҷрибаҳои гуногуни химиявӣ гузаронида, дониши худро сайқал медиҳанд.

Синфхонаҳои технологияи иттилоотии бо компютерҳои замонавию хатти баландсуръати интернет муҷаҳҳаз, барои омӯзиши нозукиҳои ин соҳа мусоидат намуда, ҷиҳати дар сатҳи баланд ҷорӣ намудани раванди таълиму тарбия 40 омӯзгор дар асоси озмун ба кор ҷалб гардида, барои фаъолияти онҳо 4 ҳуҷраи алоҳидаи корӣ муҳайё мебошад.

Толори маҷлисии зебою замонавии гимназия беш аз 130 ҷойи нишаст дошта, ошхонаи он имконият дорад, ки дар як вақт ба зиёда аз 60 нафар омӯзгору хонанда хизмат намояд.

Бо дарназардошти талабот ва меъёрҳои ҷорӣ, дар ошёнаи якуми муассиса толори барҳавои варзишӣ бунёд гардида, дар он имконияти зарурӣ барои гузаронидани дарси тарбияи ҷисмонӣ ва мусобиқаҳои волейболу баскетбол шароити мусоид фароҳам аст. Ҳамзамон дар ошёнаи чоруми муассиса майдончаи варзишии болокушода барои бозии футболи хурд сохта шудааст, ки 60 ҷойи нишаст дорад.

Муассиса, ҳамчунин, дорои дигар ҳуҷраҳои ёрирасон, аз қабили ҳуҷраи техникӣ, ҳуҷраҳои алоҳида барои гузаронидани маҳфилҳо, бойгонӣ ва ҳуҷраи тиббӣ мебошад, ки талаботи замон аст.

Лозим ба таъкид аст, ки иншооти нави соҳаи маориф бо пайгирӣ аз сиёсати бунёдкоронаю маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бунёд гардида, таълиму тарбия дар он мутобиқи стандартҳои байналмилалӣ ба роҳ монда шудааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пас аз шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар ин муассисаи нави соҳаи маориф ба масъулин барои дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия кардани хонандагон, омӯзиши илмҳои замони муосир ва баланд бардоштани малакаи забондонии ҷавонону наврасон дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Ҳайати омӯзгорон бошанд, муассисаи навро дар арафаи соли нави хониши 2023 - 2024 туҳфаи арзишманди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, ваъда доданд, ки дар самти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия бо масъулияти зиёд фаъолият менамоянд.

**31 – уми августи соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар шаҳраки донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Маҷмааи муосири варзиширо мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Маҷмааи варзиширо, ки дар оммавигардонии варзиш ва тарғиби тарзи ҳаёти солим муҳим мебошад, ба хотири истиқболи сазовор аз Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудаанд.

Иншоот бо маблағгузории Ҳукумати мамлакат аз ҷониби Муассисаи давлатии «Дирексияи сохтмони иншооти ҳукуматии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо ҷалби 6 ширкати сохтмонии ватанӣ дар масоҳати 17406 метри мураббаъ сохта шудааст. Лоиҳаи маҷмааро Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Пажӯҳишгоҳи илмӣ-лоиҳакашӣ ва ҷустуҷӯии «САНИИОСП» бо дарназардошти талаботи замони муосир ва мутобиқ ба стандарти байналмилалӣ



тарҳрезӣ намудааст. Дар рафти сохтмон бештар аз 350 нафар сохтмончии маҳаллӣ ба кор ҷалб гардиданд.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бо мавриди баҳрабардорӣ қарор гиифтани маҷмааи муосири варзишӣ 70 нафар мутахассиси соҳаи варзиш ба ҷойи кори доимӣ таъмин гардид. Ҳуҷраҳои кории кормандон бо лавозимоти зарурӣ таъмин буда, барои онҳо шароити мукаммали корӣ мавҷуд мебошад.

Маҷмаа бо усули муосири меъморӣ қомат афрохта, аз лиҳози имконият ва шароити мусоиди машқу тамрин беназир мебошад. Он аз чор қисм иборат буда, дар қисми аввали иншоот, ки аз 3 ошёна ва таҳхона иборат мебошад, толорҳои аэробика, саққобозӣ, шоҳмот, ошхона, бунгоҳи тиббӣ, толори маҳси бадан, осорхонаи варзишии донишгоҳ ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасонро ҷой додаанд.

Дар қисми дуюми бино толори умумии варзиш бо навтарин таҷҳизот ташкил гардидааст. Дар таҳхонаи ин қисмати иншоот толори вазнбардорӣ (фитнес) ҷойгир аст. Дар толори вазнбардорӣ навтарин таҷҳизот барои обутоби бадан мавҷуд мебошад ва шароити машқу тамрин низ мукаммал фароҳам гардидааст.

Масоҳати толори умумии варзиш дар қисми дуюми маҷмааи муосири варзишӣ 4320 метри мураббаъро дар бар мегирад. Ин толор барои баргузор намудани намудҳои варзиши волейбол, баскетбол ва футболи хурд пешбинӣ шуда, дорои 980 ҷойи нишаст аст.

Ҳамчунин маркази радиошунавонӣ бо ҳуҷраҳои техникӣ ва анборхонаро низ дар маҷмаа ташкил намудаанд.

Қисми сеюми маҷмаа аз толори гимнастика ва толори хурди умумии варзиш иборат буда, масоҳати умумии ин қисми иншоот ба 2592 метри мураббаъ баробар аст. Толори хурди умумии варзишӣ, ки дар таҳхона ташкил карда шудааст, дорои шароити мукаммал барои машқу тамрин кардан аз рӯи намудҳои гуногуни варзиш, аз қабили гӯштини миллӣ, ҷудо, бокс, каратэ ва муҳорибаҳои тан ба тан, мебошад.

Ҳавзи калони шиноварӣ дар қисми чоруми маҷмааи муосири варзишӣ ташкил шуда, масоҳаташ 4320 метри мураббаъ мебошад. Паҳноии ҳавзи шиноварӣ 21 метр ва дарозиаш 50 метр буда, аз 8 қатор ва 732 ҷойи нишаст иборат аст. Шароити фароҳамгардида дар ҳавзи шиноварӣ ба стандарти байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳамзамон, дар ин қисмат толорҳои гуногуни хизматрасонӣ ҷой дода шудааст.

Барои гузаронидани дарсҳои назариявӣ ҳуҷраҳои алоҳидаи барҳавои муҷаҳҳаз бо воситаҳои зарурии техникӣ ташкил гардидааст. Дар маҷмаа завқмандон имкон доранд ба машқу тамрин ва омӯзиши намудҳои зиёди варзиш машғул шаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои анҷоми босифати корҳо ба сохтмончиён изҳори миннатдорӣ намуда, масъулони донишгоҳро муваззаф карданд, ки имкониятҳои мавҷударо самаранок ва оқилона истифода баранд.

Сипас, Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо лоиҳаҳои бунёди Маркази саломатии Шаҳраки донишҷӯён ва хобгоҳ барои кормандону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос шуданд.

Тибқи лоиҳа, Маркази саломатӣ аз 3 ошёна ва таҳхона иборат буда, он дар масоҳати умумии 2336 метри мураббаъ сохта мешавад. Дар маркази саломатӣ имкон фароҳам меояд, ки дар як вақт ба 300 нафар хизмати тиббӣ расонида шавад. Маркази саломатӣ бо дарназардошти талаботи муосири соҳавӣ бунёд хоҳад ёфт ва барои муоинаю муолиҷаи омӯзгорону кормандони донишгоҳ шароити зарурӣ фароҳам мегардад. Инчунин, маркази номбурда ҳамчун пойгоҳи факултетҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, химия ва биология истифода бурда мешавад.

Дар асоси лоиҳа хобгоҳ барои омӯзгорон ва дигар кормандони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 12-ошёна буда, дорои 118 хонаи истиқоматии аз як то сеҳуҷрагӣ мебошад. Хонаҳо бо усули муосир сохта мешаванд ва барои истиқоматкунандагон шароити мукаммал ташкил хоҳад шуд. Намои бино бо истифода аз санъати меъмории миллӣ оро дода мешавад, ки ба ҳусни шаҳраки донишҷӯён зебоии дигар зам менамояд. Бунёд гардидани боз як хобгоҳи нав дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон боис мешавад, ки барои омӯзгорону дигар кормандон шароити хуби зиндагӣ фароҳам ояд ва ин омил дар беҳтар гардидани сатҳу сифати таълими донишҷӯён заминаи мусоид фароҳам меорад.

Маркази саломатӣ ва хобгоҳ барои омӯзгорону дигар кормандон дар доираи лоиҳаи сохтмони навбати дуюми Шаҳраки донишҷӯён бо маблағгузории Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз ҷониби ширкатҳои сохтмонии ватанӣ бунёд карда мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сохтмончиён ва дигар масъулон назорати сифати корҳои сохтмониро талаб намуда, онҳоро барои дар муҳлати муайяншуда ва ҷавобгӯ ба талаботи замон сохта ба истифода додани иншоот вазифадор карданд.

**31 - уми августи соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар маҳаллаи навбунёди рақами 2 ба номи Рустам Амакии ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе бинои нави Муассисаи таълимии хусусии «Саидумар»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Таълимгоҳи мазкур дар масоҳати 72 садяк замин доман густурда, худи иншоот дар масоҳати 7 ҳазору 245 метри мураббаъ қомат афрохтааст ва барои 2700 нафар хонанда пешбинӣ шудааст. Мактаб аз ҷониби соҳибкори ватандӯст Рустам Саидов бунёд гардида, корҳои сохтмониро дар иншоот пудратчӣ-Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи холдинги «Осиё Гурӯҳ Тоҷикистон» ва лоиҳакаш - Корхонаи воҳиди давлатии пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотию лоиҳакашии «Душанбешаҳрсоз» анҷом додаанд.

Мавриди зикр аст, ки лоиҳаи муассиса тарҳи нав буда, аз ҷониби лоиҳакашони пуртаҷриба таҳия ва ҳамаи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ риоя гардида, бори аввал дар бунёди муассисаҳои таълимии ҳудуди шаҳри Душанбе истифода шудааст.

Ба Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки иншоот аз 4 бинои чорошёна иборат буда, бо дарназардошти талаботи замони муосир ва истифодаи масолеҳи хушсифати сохтмонӣ бунёд гардидааст. Корҳои бунёдӣ дар таълимгоҳ соли 2019 шурӯъ шуда, он аз ҷониби сохтмончиёни маҳаллӣ иҷро гардида, ҷараёни сохтмонро мутахассисону меъморони соҳибтаҷриба назорат намуданд. Таълимгоҳ бо сифати баланд ва дар муҳлати муайянгардида мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуда, аз 66 синфхонаи муҷаҳҳаз, аз ҷумла утоқҳои омӯзиши химия, физика, биология, синфхонаҳои технологияи иттилоотӣ, лингафонӣ, озмоишгоҳҳо, синфхонаи таълими меҳнат барои писарон ва духтарон, сехи қаннодӣ, ҳуҷраи махсуси духтури дандон, равоншинос, логопед, китобхона бо толори хониш ва дигар иншооти ёрирасон, иборат мебошад. Бо мақсади амалӣ намудани «Барномаи давлатии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» дар мактаб шароити хуби дарсомӯзӣ муҳайё гардида, синфхонаҳои фаннӣ бо лавозимот ва асбобҳои озмоишӣ таъминанд.

Ҳамчунин, барои оммавигардонии варзиш ва дар сатҳи баланд гузаронидани машғулиятҳои тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ дар муассиса толори варзишии барҳаво дар масоҳати 610 метри мураббаъ бунёд ва бо лавозимоти машқу тамрин муҷаҳҳаз гардонида шудааст. Ошхона барои 180 нафар ва толори маҷлисгоҳ бо 310 ҷойи нишаст ҷузъи дигари иншоот аст, ки дар истифода қарор дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити таълим ва имконоти дарсомӯзӣ ба сифати корҳои анҷомёфта баҳои баланд дода, ҳиммати ҷавонмардонаи соҳибкори ҷавону ватандӯст Рустам Саидовро намунаи ибрат арзёбӣ намуданд. Сарвари давлат барои дастгирии иқдомоти Ҳукумати мамлакат дар самти рушди соҳаи маориф ба соҳибкор изҳори сипос намуда, бунёди муассисаи таълимиро дар ин маҳаллаи навбунёд муҳим хонданд.

Гуфтан бамаврид аст, ки ба истифода додани бинои муҳташами муассисаи таълимӣ дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе туҳфаи арзандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арафаи соли нави таҳсил ба сокинони пойтахт мебошад. Бо ба истифода додани бинои нави Муассисаи таълимии хусусии «Саидумар» шароити таълим беҳтар гардида, сифати хониши хонандагон низ баланд бардошта мешавад. Ҳоло ҳайати кормандони ин даргоҳро 80 нафар омӯзгори соҳибтаҷриба ва 20 нафар кормандi техникӣ ташкил медиҳанд.

Зимни суҳбати самимӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо маорифчиёни пойтахт дастур доданд, ки аз шароити мавҷуда васеъ истифода намуда, барои дар рӯҳияи ватандӯстию хештаншиносӣ тарбия намудани насли наврас масъулияти баланд дошта, дар ободӣ ва пешрафти Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳмгузор бошанд.

Дар навбати худ устодону мураббиёни пойтахт ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати фароҳамсозии шароиту имконоти сатҳи баланд изҳори миннатдорӣ намуда, ҳамчун тарбиятгарони насли имрӯза ваъда доданд, ки барои омода намудану ба воя расонидани ҷавонони донишманду навовар кӯшиш мекунанд ва дар рушди соҳаи калидии ҷомеа-маориф саҳми муносиб мегузоранд.

Қобил ба зикри хос аст, ки соҳибкори ватандӯст Рустам Саидов бо мақсади дастгирии сиёсати маорифпарваронаи Ҳукумати кишвар ва саҳм гузоштан дар ободии диёр тасмим гирифтааст соли оянда дар шафати бинои таълимӣ боз як муассисаи томактабиро барои 600 кӯдак ба истифода диҳад. Иқдоми соҳибкорро Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи ибрат ва воситаи муҳими баланд бардоштани сифати таълим дар зинаи таҳсилоти томактабӣ арзёбӣ карданд.

www.prezident.tj





# МАРОСИМИ СУПОРИДАНИ МУКОФОТҲОИ ДАВЛАТӢ

(Идома аз саҳ. 1)

Ҳукумати кишвар аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, соҳаҳои илму маориф, тандурустӣ ва фарҳангро аз самтҳои афзалиятноки сиёсати худ қарор дода, барои беҳтар гардидани шароити кор ва сатҳи зиндагии кормандони соҳаҳои зикршуда то имрӯз ҳамаи тадбирҳои заруриро амалӣ карда истодааст.

Таъсис гардидани Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ ва дар таҳрири нав қабул гардидани Низомномаи Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ барои олимони ҷавон, ки дар соҳаи илм ва техника корҳои намоён анҷом додаанд, аз ҷумлаи иқдомоти навбатии Ҳукумати мамлакат мебошад. Мақсад аз сарфарозгардонӣ бо ҷоизаҳои зикршуда дар амал татбиқ намудани сиёсати давлат дар соҳаҳои илм, маориф ва инноватсия бо роҳи ҳавасмандгардонии олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ буда, ба рушди фанҳои мазкур, фаъолияти босамари эҷодии олимону омӯзгорон, баланд бардоштани мақоми онҳо дар ҷомеа, такмили усули таълим ва омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аз ҷониби хонандагону донишҷӯён нигаронида шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ҳар як солгарди истиқлолияти давлатӣ ҳамчун ҷашни муборaку муқаддаси миллӣ ба густариши бештари худогоҳию худшиносӣ, ваҳдати миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ ва ифтихори ватандории тамоми афроди бонангу номуси Тоҷикистони соҳибистиқлол такону неруи тоза мебахшад.

Изҳори итминон карда шуд, ки шаҳрвандони мамлакат дар оянда низ бо ҳисси баланди худшиносию худогоҳии миллӣ ва саъю талоши созандаю бунёдкорона барои ободии кишвар ва боз ҳам баланд бардоштани нуфузу обрӯи Тоҷикистони азизамон дар арсаи байналмилалӣ талош намуда, дар таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва тақвияти пояҳои давлатдории миллиамон саҳми арзанда мегузоранд.

Баъди суханронии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон як гурӯҳи калони намояндагони фаъоли ҷомеа, аз ҷумла кормандони касбу кори гуногун - аҳли зиё, хизматчиёни давлатӣ, соҳаҳои ҳифзи иҷтимоӣ, маориф, фарҳанг, тандурустӣ, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохтору мақомоти давлатӣ, ки дар рушди кишвари азизамон саҳми арзишманд гузоштаанд, бо мукофоту ҷоизаҳои давлатӣ сарфароз шуданд.

Барои дастовардҳои баланди меҳнатӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ, рушди илму фарҳанг ва дигар бахшҳои иқтисоди миллии мамлакат бештар аз 200 нафар олимону омӯзгорон, шоирону нависандагон, аҳли фарҳангу санъат ва хизматчиёни ҳарбӣ, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон - унвонҳои фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ҳофизи халқии Тоҷикистон, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Корманди шоистаи Тоҷикистон, бо ордени Спитамен дараҷаҳои I ва II, ордени Шараф дараҷаи II, бо медалҳои Ҷасорат, Хизмати шоиста, Шафқат, Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ ва Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2023 қадрдонӣ шуданд.

Дар маросими супоридани мукофотҳои давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфарозгардонии кормандони соҳаҳои илму фарҳанг, тандурустӣ, истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, дигар хизматчиёни давлатӣ ва соҳибкорон», бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои саҳми арзанда дар рушди илму фарҳанги мамлакат, ҳифзи саломатии аҳолӣ, фаъолияти самаранок дар хизмати давлатӣ ва дастовардҳои баланди истеҳсолӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ як нафар бо унвони фахрии Нависандаи халқии Тоҷикистон, як нафар бо унвони фахрии Шоири халқии Тоҷикистон, ду нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, як нафар бо унвони фахрии Ҳофизи халқии Тоҷикистон, як нафар бо унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, 19 нафар бо унвони фахрии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 20 нафар бо унвони фахрии Корманди шоистаи Тоҷикистон, ду нафар бо орденҳои Спитамен дараҷаҳои I ва II, ҳафт нафар бо ордени Шараф дараҷаи II, 25 нафар бо медали Ҷасорат, 105 нафар бо медали Хизмати шоиста, ҳафт нафар бо медали Шафқат ва 11 нафар бо Ифтихорномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарфароз шуданд.

Ҳамчунин, тибқи қарори комиссияи дарёфти Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2023, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, 12 нафар барандаи Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2023 гардиданд.

Ёдовар мешавем, ки 18-уми марти соли 2020 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо олимони кишвар бо мақсади ислоҳи камбудиҳои ҷойдошта дар муассисаҳои таълимӣ ва беҳтар кардани сифати таҳқиқоти илмӣ дар ҳамаи институту марказҳои илмии академӣ пешниҳод намуданд, ки Ҳукумати мамлакат барои ҳавасманд гардонидани олимону омӯзгорони фанҳои табиӣ ва дақиқу риёзӣ мукофоти махсуси давлатӣ таъсис диҳад ва ҳар сол 15 нафар омӯзгорону олимони беҳтарин бо ин мукофот сарфароз гардонида шаванд.

Дар маросими мукофотсупорӣ бо Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои олимону омӯзгорони фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соли 2023 - юм15 нафар сарфароз карда шуданд.

Дар анҷоми маросими мукофотсупорӣ Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар ҳамаи нафаронеро, ки барои фаъолияти пурсамар дар роҳи рушду пешрафти ҷомеа аз ҷониби роҳбарияти давлату Ҳукумати мамлакат бо мукофотҳои олӣ қадрдонӣ гардидаанд, самимона табрик гуфта, бо итминон ибрoз доштанд, ки фарзандони содиқи Ватан минбаъд низ имкониятy қобилияти зеҳнӣ, донишу таҷриба, маҳорату малака ва саъю талоши худро барои боз ҳам ободу пешрафта гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, таҳкими сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии сокинони мамлакат равона месозанд.

**www.prezident.tj**

# ИФТИТОҲИ ДУ ИНШООТИ НАВИ ТАЪЛИМӢ АЗ ҶОНИБИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ




**31 - уми августи соли 2023 Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт бинои муассисаи таълимии Гимназияи хусусии ба номи «Марям Зиёева»-ро мавриди истифода қарор доданд.**



**31 - уми августи соли равон Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт Муассисаи давлатии томактабии №15-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Бинои таълимии гимназия аз се ошёна иборат буда, барои 340 нафар хонанда пешбинӣ гардида, дорои 19 синфхона, ҳуҷра барои машғулиятҳои гурӯҳӣ, бунгоҳи тиббӣ, хонаи омӯзгорон, ҳуҷраи техникӣ, китобхона, толори фарҳангӣ, толори варзишӣ бо 50 ҷойи нишаст, ошхона барои 50 нафар ва толори маҷлисӣ бо 40 ҷойи нишаст мебошад. Дар синфхонаҳои иловагии он шароити мусоиди таҳсил фароҳам оварда шуда, бо таҷҳизоти зарурии таълим муҷаҳҳаз гардидаанд.

Бино дар асоси қарори Раиси шаҳри Душанбе аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Гардӣ» бунёд ёфта, корҳои лоиҳакашӣ аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шаҳрофар» анҷом дода шудааст.

Корҳои ободонию бунёдкорӣ дар атроф ва саҳни бинои иловагии таълимӣ низ бо сатҳу сифати хуб ба анҷом расида, дар атрофи он гулу буттаҳо ва дарахтони ороишӣ шинонида шудааст.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ зимни суҳбат бо масъулин онҳоро вазифадор намуданд, ки дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, тарбияи наврасон дар рӯҳияи ватандӯстию ифтихори миллӣ ва таъмини шароити таълимӣ диққати бештар зоҳир намоянд.

Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ нахуст бо бардоштани парда аз рӯи лавҳаи рамзӣ ба фаъолияти муассиса оғоз бахшида, бо шароити фароҳамовардаи таълиму тарбия дар он шинос шуданд.

Муассисаи томактабӣ аз таҳхона ва ду ошёна иборат буда, барои ба таълиму тарбия фаро гирифтани 100 нафар кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Пас аз мавриди истифода қарор гирифтани иншоот барои 20 нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам мегардад.

Муассисаи замонавӣ дар партави дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Партнёр» бунёд гардида, дар он таълиму тарбияи кӯдакон мутобиқ ба талаботи замони имрӯза ба роҳ монда шудааст.

Корҳои сохтмонӣ соли 2022 оғоз гардида, дар муддати кӯтоҳ ҷавобгӯ ба меъёрҳои меъмории замони муосир ба анҷом расонида шуд. Дар саҳни муассисаи нави таълимӣ айвонча, ҳавзи тобистонаи шиноварӣ ва суҳбаткадаҳои махсус сохта шудааст, ки барои гузаронидани машғулиятҳо ва бозии кӯдакон хеле мувофиқ мебошанд.

Зимни шиносоӣ бо шароити дар муассиса фароҳамовардашуда Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо масъулин суҳбати самимӣ доир карда, бунёди иншооти соҳаи маорифро аз таваҷҷуҳи рӯзафзуни Ҳукумати мамлакат нисбат ба соҳаи маориф маънидод намуданд.

